# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Раҳимӣ Миҷгона Раҳим "Таҳаввули тасвири симои зан-модар дар шеъри замони истиқлол (дар заминаи ашъори Раҳмат Назрӣ, Фарзонаи Хуҷандӣ ва Озар Салим)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ пешниҳод шудааст.**

Бозтоби симо ва мақоми зан, модар дар адабиёти бадеӣ аз ҷумлаи масоиле ба шумор меравад, ки солҳои зиёд мавриди таваҷҷуҳи аҳли таҳқиқ қарор дошта, зеро офариниши тимсоли бонувон дар таркиби осори бадеиву ҳунарӣ, шуруъ аз нахустин падидаҳои адабӣ-устураву ривоёти куҳан сарчашма мегирад. Ҳатто дар асотири куҳан фариштагону паёмоварони биҳиштро дар сурати занон тасаввур мекардаанд, ки ин амр ба нуфузу нусрати эшон дар боварҳои куҳан ва ҷаҳоншиносии ибтидоӣ таъкид меварзад. Бо маншаъгирӣ аз маводи кутуби муқаддас ва сарчашмаҳои нодири адёни мухталиф симо, фазилат ва тақаддуси зан ҳамчун модар ва офаринандаи бани башар дар падидаҳои адабӣ таҷассуми равшан касб намуд, ки дар баробари достонҳои муҳташам дар анвои дигари мероси бузургони мо ин самараи муҳаббат ва иродати аҳли адаб ҷилваи равшан касб кардааст.

Дар қаламрави адабиёти муосир, бавежа дар даврони истиқлоли миллӣ таълифи силсилаи ашъори "Модарнома" ривоҷи бештар пайдо намуд. Дар ин замина бо итминон метавон гуфт, ки нисбат ба ҳар давраи дигари адабиёти миллии мо дар ин айём васфу ситоиши модар ва офариниши симои ӯ дар таркиби чунин маҷмуаҳои мустақил нуфуз дарёфт. Агарчӣ дар адабиётшиносии тоҷик масъалаи таҳқиқи симои занон дар достонҳои ҳамосӣ дар таркиби корномаҳои муайянии илмии олимон ҷойгоҳи хосе дорад, вале бо он ҳама нуфузи тасвири чеҳраи модар дар адабиёти муосир дар сатҳи матлуб таҳқиқ нашудааст. Диссертатсияи **Раҳимӣ Миҷгона Раҳим "Таҳаввули тасвири симои зан-модар дар шеъри замони истиқлол (дар заминаи ашъори Раҳмат Назрӣ, Фарзонаи Хуҷандӣ ва Озар Салим)"** аз ҷумлаи аввалин пажуҳишҳое мебошад, ки таҳқиқи ин мавзуъ ба сурати густарда дар мисоли ашъори се шоир ва се намояндаи насли замони истиқлоли миллӣ дар он сурат гирифтааст. Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти мазкур хеле муҳим, қобили аҳамият ва баррасии бархурдор аз тозагиҳои муайяне буда, ба шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ комилан мувофиқат менамояд.

Руҷуъ ба пажуҳишҳои то кунун ба поён расида ин нуктаро мусаллам мегардонанд, ки дар онҳо асосан симои занон дар достонҳои ҳамосӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд ва бештар ҷанбаи қиёсӣ- татбиқӣ доранд. Ба ибораи дигар, дар онҳо баррасии чеҳраи зан авлавият касб карда, симои модар гоҳо маворид дар пасманзари пажушиҳоти меҳварӣ қарор гирифтааст. Таҳқиқоти дигаре, ки бештар дар заминаи бозтоби симои зан-модар дар адабиёти муосир ба анҷом расидаанд, асосан ба сурати

мақолоти алоҳида дар мисоли ашъори суханварони муайян сурат гирифта. Бахши дигар бошад дар заминаи тааълифоти мансур ба қалам омадаанд, ки таҳқиқи заминаҳои иҷтимоии шинохти чеҳраи зан дар онҳо имтиёз дорад. Баррасии масъалаи мавриди таҳқиқ ба сурати як асари мустақил ва бар пояи ашъори се тан аз шоирони се насли шеъри замони истиқлол бори аввал сурат мегирад, ки ин амр **аҳаммият ва мубрамии мавзуи таҳқиқро** шарҳу тафсир мекунад.

Диссертант дар ҷараёни таҳқиқоти хеш нахуст ба аҳамияти муҳими таҳқиқоти мазкур аз манзари сиёсӣ низ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, аз ҷумла таъкид медорад, ки "таҳқиқи мавзуи диссертатсия мо, агар аз як сӯ, татбиқи сиёсати Ҳукумати Тоҷикистон, алалхусус таъкиду дастурҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар мавриди нақши зан-модар дар ҷомеа ва бозтоби он дар адабиёт равшан гардонад, аз сӯи дигар, мақоми зан-модари тоҷикро дар ҷомеа таъйин намуда, таҳаввули тасвири симои зан-модарро дар шеъри замони Истиқлол мушаххас менамояд". (дисс. саҳ.3-4).

**Навгонии илмии диссертатсия** дар он таҷассум ёфтааст, ки **бори нахуст** дар адабиётшиносии тоҷик тасвири симои зан -модар дар адабиёти даврони истиқлоли миллӣ ба сурати алоҳида ва дар ҳавсалаи имкони як диссертатсия ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Тозагии таҳқиқ дар он ҳам ба зуҳур мерасад, ки диссертант қабл аз баррасии меҳварҳои аслии пажӯҳиш ба сайри таърихии тасвири симои зан-модар дар адабиёти куҳани форсӣ руҷуъ намуда, онро аз даврони асотирӣ то замони муосир мавриди баррасӣ қарор додааст. Қобили таъкид аст, ки бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик тасвири симои зан-модар дар адабиёти муосири тоҷик дар мисоли ашъори се тан шоир-Раҳмат Назрӣ, Фарзона ва Озар чун намояндагони се насли адабии ин давра таҳқиқ шудааст, ки аз тозагиҳои муайян, натиҷаҳои муҳим ва арзишманди пажушиҳӣ бархурдор мебошад.

Раҳимӣ Мижгона Раҳим дар диссертатсияи номзадии хеш дар ҷараёни таҳқиқ ба консепсияҳои илмӣ ва таълифоти назарии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ такя намуда, тасвири симои зан-модарро мавриди пажуҳиш қарор додааст. Аз ин рӯ, **натиҷаҳои таҳқиқ эътимодноканд.** Дар канори ин, дар диссертатсия масъалагузориҳои муҳим ва арзишманд, хулосабароriҳои мантиқӣ ва илмӣ мушоҳида гардида, ҳаҷми мавод, интишорот аз рӯи мавзуи таҳқиқот, коркарди натиҷаҳои назариву амалӣ ва асосҳои методологии он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ **мувофиқат доранд**.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад**, ки мавод ва матолиби диссертатсия, натиҷаҳои пажӯҳиш ва шеваҳои таҳқиқии диссертант на танҳо дар ҷараёни таҳқиқи масоили адабиётшиносӣ, балки дар таҳқиқоти мардумшиносӣ, ҷомеашиносӣ, таърихшиносӣ,фарҳангпажуҳӣ ва илмҳои дигар низ қобили истифода

мебошад. Аз ин нуқтаи назар, диссертатсия на танҳо ба адабпажуҳону мунаққидони адабиёти даврони Истиқлоли миллӣ, унвонҷӯён ва магистрантону донишҷӯён, балки барои муҳаққиқони риштаҳои дигаре чун таъриху фарҳанг, ҷомеашиносиву мардумшиносӣ метавонад кӯмаки амалӣ бирасонад. Афзун бар ин, дар ҷараёни таълифи китобҳои таърихи адабиёти тоҷик, бавежа, адабиёти замони Истиқлол, китобҳои дарсӣ, таълиму тадриси курсу семинарҳои ихтисос роҷеъ ба масоили муҳими адабиёти муосири тоҷикӣ аз маводи диссертатсия метавон истифода бурд.

Раҳимӣ Мижгона Раҳим аз рӯи мавзуи диссертатсия 12 мақола, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 7 мақола дар маҷалла ва маҷмуаҳои гуногуни илмӣ ба чоп расонидааст. **Маводи интишоргардида,** ки зикрашон дар бахши «Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия» рафтааст, матолиб ва масоили аслӣ, натиҷаҳои назарӣ ва амалии пажуҳиш ва дар умум муҳтавои асосии диссертатсияро таҷассум менамоянд. Аз ин нуктаи назар, **саҳми шахсии довталабро** дар раванди таҳқиқи мавзуъ, яъне баррасии тасвири симои зан-модар, хоса офариниши чеҳраи модар ва заминаҳои зуҳури осоре дар қолиби модарнома дар адабиёти даврони Истиқлоли миллӣ ба таври махсус метавон таъкид кард.

Диссертатсияи мавриди тақриз аз муқаддима, 3 боб, 7 фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, феҳристи адабиёти истифодашуда ва нашри таълифоти илмӣ аз рӯи мавззуи он иборат мебошад.

Дар **Муқаддимаи** диссертатсия маҷмуаи талаботе, ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин бахш овардани онҳоро зарур шуморидааст, риоят шуда, мубрамият ва муҳимият, дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариву амалии таҳқиқот шарҳу тафсир ёфта, мақсад ва вазифаҳои пажуҳиш дақиқу аниқ муқаррар шудаанд. Диссертант **нуктаҳои асосиеро ба ҳимоя пешниҳод намудааст**, ки дар адабиётшиносии тоҷик, бавежа нақду баррасии ҷанбаҳои мухталифи шеъри муосири тоҷик қобили аҳамияти муҳим мебошанд.

Боби аввали диссертатсия “**Сайри таърихии тасвири симои зан-модар дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ”** унвон дошта, маҷмуи масоили меҳварии таҳқиқот дар се фасл ҷой гирифтаанд. Дар фасли аввал, заминаҳои зуҳури симои зан дар асотири куҳан ва адабиёти аҳди бостон ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, зимнан муқаррар гардидааст, ки дар осори бозмондаи куҳан, бахусус устураҳо занон нақшу мақоми хосеро соҳибанд. Дар ҷараёни таҳқиқ диссертант аз вуҷуди симоҳои фаровони занон дар китоби Авасто, бавежа ҷуфтҳои занона дар канори эзадони мард дар паҳлуи Урмузд дар боварҳои қадим ёдовар мешавад, ки аз мақоми хосаи зан дар ҷаҳони маънавии мардумони ориётабор дарак медиҳанд. Ҳамин гуна, муҳаққиқ аз баррасиҳои хеш ба натиҷае мерасад, ки дар асотири

куҳан зан-модар фаротар аз ҷойгоҳи фариштаву мунодии аҳли биҳишт мақоми эзадӣ ҳам гирифтааст. Аҳамияти дигари ин бахши тадқиқот дар он зоҳир мешавад, ки диссертант ҷойгоҳи зан-модарро дар устураҳои суғдиён, ки аҷдоди мардуми тоҷик ҳастанд, ба сурати алоҳида баррасӣ карда, бо такя бар андешаҳои суғдшиносони соҳибназар Бадруззамони Қариб ва Зуҳро Заршинос мулоҳизоти арзишманде баён доштааст. Натиҷагириҳои муаллиф аз ин баҳс муқаррар кардааст, ки дар манобеъ ва сарчашмаҳои адабиёти аҳди бостон зан-модар на танҳо дар корҳои ҷамъиятӣ, балки дар фаъолиятҳои диниву мазҳабӣ низ ширкати фаъол доштааст.

Фасли дувуми боби мазкур ба таҳқиқи тасвири симои зан дар адабиёти асримиёнагии форсӣ-тоҷикӣ ихтисос ёфтааст. Сарчашмашиносии мабҳаси ин бахши таҳқиқот муқаррар намудааст, ки ҳарчанд назарҳои интиқодӣ роҷеъ ба ҳақир шуморидани зан дар фарҳанги исломӣ ҷой дорад ва ин масъала бештар дар осори давраи пажуҳишии давраи Шӯравӣ ба чашм мерасад, вале таъмини баробарии ҳукуқи марду зан ва арҷ гузоштан ба мақоми зан-модар низ дар назароти донишмандони давраи исломӣ низ ба ҷойгоҳи хоси ӯ дар манобеи ин давра ишорат мекунад.Дар китоби муқаддаси Қуръон ба таври алоҳида омадани Сурае ба номи “Нисо” аз ҷумлаи далоиле ба шумор омада, кп ба арҷу манзалати зан-молар лар фарҳанги исломӣ ишорат мекунад. Таҳлилу таҳқиқи анҷомдодаи муаллиф дар ин фасли диссертатсия ӯро ба натиҷае расонидааст, ки “дар Қуръону суннати Паёмбари ислом ҳеч ишорае ба паст будани зан-модар аз мард нарафтааст, балки ин мардони мусулмонанд, ки дар рафтор бо занон аз фармудаҳои Қуръону таъкидҳои паёмбари ислом кор намегиранд. (Дисс. саҳ. 37)

Фасли савуми ин боб ба таҳқиқи масъалаи занситезӣ дар ҷомеаи қуруни вусто ва бозтоби он дар адабиёти ин давра бахшида шудааст. Муҳаққиқ зарурати баррасии ин масъаларо дар он мушаххас мекунад, ки ҳарчанд роҷеъ ба тасвири зебоиҳои занон дар адабиёти бадеӣ мулоҳизоти зиёде рафта, вале масъалаи занситезӣ ва бозтоби назароти интиқодӣ нисбат ба бонувон камтар ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Пешинаи таҳқиқи мавзуъ бар ишорат бар баррисаҳо дар осоре чун «Симои зан дар фарҳанги Эрон»-и Ҷалоли Сатторӣ, «Кӯчаи ҳафтпеч»-и Муҳаммадиброҳим Бостонии Порезӣ, «Таҷаллии зан дар осори Мавлавӣ»-и Зулайхо Сақафӣ, «Фирдавсӣ, зан ва трожедӣ»-и Носири Ҳарирӣ, «Зан, адабиёт ва ҷомеа» (маҷмуаи мақолаҳо ва эссеҳои донишмандони тоҷик) мустанад гардида, зимнан таъкид шудааст, ки дар ин пажуҳишот бештар нақши зан аз мавқеи ичтимоӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта.

Диссертант заминаҳои зуҳури занситезӣ дар адабиётро низ бар бардошти нодурусти гуруҳҳое муайяни аҳли адаб аз оёти Қуръону аҳодиси набавӣ, инчунин мавҷудияти тасаввуроти номақбул дар ҷомеаи қабилавӣ ва аҳодиси ҷаъалӣ муқаррар карда, баъдан ба таҳлили осоре

мепардозад, ки дар онҳо занон ҳамчун мабдаи хилаву найранг, сеҳру ҷоду муаррифӣ шудаанд. Дар умум, дар ҷараёни баррасии афкори зидду нақиз дар бораи зан дар адабиёти асримиёнагӣ осори манзум ва мансуре шуруъ аз устод Рӯдакӣ то адабиёти давраи маорифпарварӣ шарҳу таҳлил гардида, муаллиф ба натиҷае расидааст, ки бардоштҳои нодурусти ёдшуда ва тасаввуроти нобаҷо боис бар он шудаанд, ки зан дар адабиёти гузашта дар баробари мабдаи зебову сарчашмаи ишқу муҳаббат ҳамчун нишоне аз заъву нотавонӣ, ҳилаву найранг ва амсоли ин тасвир ёфта, ки чунин мулоҳизот на ҳамеша пояҳои воқеӣ ва саҳеҳро доро мебошанд.

Боби дувуми диссертатсия "**Таҳаввули тасвири симои зан-модар дар шеъри замони Истиқлол**" унвон дошта, аз се фасл таркиб ёфтааст. Нуктаи қобили таваҷҷуҳ он аст, ки диссертант адабиёти ин даврро ба се насл қисмат намуда, маҷмуи баррасиҳои хешро дар мисоли осори се намояндаи он- Раҳмат Назрӣ, Фарзона ва Озар ба таҳқиқ кашидааст. Ҳарчанд баҳсе нисбатан тулонӣ дар муқаддимаи ин боб роҷеъ ба мафҳуми адабиёти даврони Истиқлол ҷараён гирифтааст, аммо ба назар мерасад, ки муаллиф зарурати ба се насли адабӣ қисмат намудани суханварони ин замонро бар пояи нақду назари донишмандони замон шарҳу тафсир кардааст. Дар фасли аввали ин боб диссертант нахуст тасвири симои зан -модарро дар ашъори шоирони муосири тоҷик баррасӣ намуда, бар ин натиҷа ҳам расида, ки дар адабиёти даврони Шуравии тоҷик низ масъалаи мазкур ҷойгоҳи хосеро касб намуда буд. Мавҷудияти чунин сурудаҳо дар таркиби осори ағлаби суханварон-сар карда аз устодон Айниву Лоҳутӣ то шогирдони мактабии онон, чун Пайрав Сулаймонӣ, Мирзо Турзунзода, Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Ҳабиб Юсуфӣ, Мирсаид Миршакар, Файзуллоҳ Ансорӣ, Муҳиддин Аминзода, Боқӣ Раҳимзода, Абдусалом Деҳотӣ, Аминҷон Шукӯҳӣ, Ғаффор Мирзо шореҳи ҳақиқати ин амранл. Дар меҳвари баррасиҳои ин бахши таҳқиқот намунаҳои ашъори устод Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулрухсор ва дигарон қарор гирифтааст.

Фасли савуми боби дувум ба таҳқиқи тасвири симои зан-модар дар ашъори шоирони насли аввали замони истиқлол ихтисос ёфтааст, ки дар меҳвари он сурудаҳои Раҳмат Назрӣ ҷой доранд. Ин суханвари мумтоз ҳарчанд эҷоди ашъори хешро дар замони Шӯравӣ шуруъ кардааст, вале муҳимтарин падидаҳои ҳунарии ӯ дар замони истиқлоли миллӣ ҷилвагар шудаанд.Аз ҷумла, ашъори фарогири тасвири симои зан-модар низ дар ин давра ба сатҳи матлуби хеш расидааст, ки диссертант дар таълифи худ шеърҳое чун "Хонаи пиразан", "Чашми пиразан", "Дандони шир" ва монанди инро таҳлилу таҳқиқ намуда, ба хулосае расидааст, ки образи пиразан дар сурудаҳои шоир ба унвони образҳои меҳварии муҷассамгари симои зан ба шумор меравад. Ба андешаи муаллиф Раҳмат Назрӣ образи пиразанро суннатҳои миллии тоҷикӣ тавъам офарида, ки ин равиш ҳукми яке аз авомили нуфузи падидаҳои фарҳангӣ тоҷикӣ дар ашъори ӯро

гирифтааст. Тасвири симои зан-модар дар шеъри ин шоири ҳунарманд бо назокат ва ҷаззобияти хосе ҷараён гирифта, ки амр боиси афзудани хусусиятҳои тарбиявию эстетикии он низ гардидааст.

Фасли савуми ин боб таҳқиқи тасвири симои зан-модар дар шеъри шоирони насли дувуми замони Истиқлол (дар заминаи ашъори Фарзона)-ро фаро мегирад. Муҳимтарин вежагии тасвири зан-модарро дар ашъори Фарзона муҳаққиқ дар он муқаррар кардааст, ки он пеш аз ҳама дар симои қаҳрамони марказии сурудаҳояш, яъне худи ӯ таҷассум пайдо кардааст. Аз ин лиҳоз, дар тасвири шоир зани эҷодкор соҳиби озодиву истиқлоли фардӣ, вораста аз ҳама тааллуқоти рӯзгор аст ва ҳаргиз хостори тобеъ кардани он ба  зуҳуроте дигар намебошад. Таҳқиқи вежагиҳои тасвири симои зан дар ашъори Фарзона дар асоси маҷмуаҳои мухталифи шоир сурат гирифтааст ва доманаи баррасиҳо дар ин замина бар асоси бозтоби вазъи иҷтимоӣ, мақоми маънавӣ ва дигар падидаҳои марбут баа зиндагонии занон вусъат ёфтааст. Дар назари аввал, шахсияти зан будани суханвар омил бар тавсеаи доманаи мавзуи тасвири симои зан дар сурудаҳои ӯ гардида. Аз дохили маҷмуаи сеҷилдӣ берун кашидани чиҳил шеър дар васфи модар ва ихтисос ёфтани як қисми китоби “Найшакар” ба “Модарнома” худ гувоҳи нақши меҳварии тасвири модар дар шеъри Фарзона мебошад, ки дар диссертатсия бар ин матолиб сареҳан ишорат рафтааст.  Ба нақду назарҳои Фарзона роҷеъ ба мавзуи модар дар шеъри Лоиқ Шералӣ низ ишорат шудааст ва ин амр гувоҳ бар он аст, ки дар баробари вусъати мавзуъ дар эҷодиёти шоир ӯ ба таҳқиқи назариву амалии масъалаи низ  таваҷҷуҳи махсус доштааст.

Фасли савуми ин боб “**Тасвири симои зан-модар дар шеъри шоирони насли сеюми замони Истиқлол (дар заминаи ашъори Озар Салим)** ном дорад ва дар он бо равиши таҳқиқӣ-қиёсӣ намунаҳои ашъори намояндаи насли савуми даврони истиқлол Озар Салим таҳқиқ шудааст. Дар назари аввал диссертант ба шукуҳи шеъри “Модар фаришата буд” ишорат мекунад, ки мавриди таваҷҷуҳи аҳли мусиқӣ қарор гирифта, аз сӯи чандин ҳунармандон сароида шудааст. Ин шеър намунаи барҷастаи равонии калом ва нуфузи мусиқият дар миёни сурудаҳои шоир эътироф гардидааст. Аз ин рӯ, ҳар байти он дар алоҳидагӣ бо корбандии равиши таҳқиқии шарҳу тавзеҳ  баррасӣ ва тасвири модар дар он ба сурати дақиқу аниқ бозгӯӣ шудааст. Дар баробари ин, ба андешаи дурусти муаллифи диссертатсия мафҳумҳои Модар ва Ватан дар шеъри Озар муродифи ҳамдигаранд, ки аз иттиҳоди маъноӣ ёфтани онҳо аз ҷумлаи вежагиҳои муҳими ин навъ ашъор дар замони истиқлоли миллӣ ба шумор меравананд.

Боби савуми диссертатсия “**Ҷанбаҳои ҳунарии шеъри замони истиқлол дар тасвири симои зан-модар”** ном дорад ва дар он асосан вежагиҳои ҳунарӣ, тасвирофаринӣ, эҷоди симои зан ҳамчун модар ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Муаллиф бо руҷуе бар чанд таҳқиқоти анҷомёфта аз ҷониби Аскар Ҳаким, Тайиба Бобоева, Наргис Ризобоева ва

дигарон роҷеъ ба анвои мухталифи тасвир дар шеъри муосири тоҷик бар ин натиҷа расидааст, ки агарчӣ ин пажуҳишот доираи васеи мабоҳиси марбут ба тасвирсозӣ дар адабиёти имрӯзро фаро мегиранд, вале тасвири симои зан-модар дар онҳо барҷаста нест ва ё гуфтан мумкин аст, ки аз доираи баррасиҳояшон берун мондааст.

Дар ин қисмати диссертатсия низ роҷеъ ба вежагиҳои муҳимтарини тасвири симои зан-модар дар шеъри се тан шоирони давр- Раҳмат Назрӣ, Фарзона ва Озар изҳори назар шуда, муҳимтарин авомили шоиронагӣ дар ин гуруҳ ашъори эшон, ҳунари шоирии онҳо дар тасвирсозиҳо, бозтоби суннатҳои фарҳанги миллӣ дар ҷараёни офариниши образи модари тоҷик баррасӣ ёфтаанд.

**Хулосаи диссертатсияи** Раҳимӣ Мижгона Раҳим дар 17 банд пешниҳод шуда, ҷиҳати мустанад баён гардидани онҳо дар интиҳои ҳар банд ишорат бар мақолаи нашрнамудаи муаллиф рафтааст. Дар 8 банд бошад, тавсияҳои амалӣ оид ба истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот баён гардидааст, ки якҷоя бо хулосаҳо муҳтавои аслӣ, самараҳои аз баррасии фаслу бобҳои диссертатсия бадаст омадаро таҷассум мекунанд.

Дар канори чунин дастовардҳои назарраси илмӣ ва баррасиву натиҷагириҳои шоиста дар диссертатсия бархе камбудиҳо ба чашм мерасанд, ки таваҷҷуҳ бар онҳо муҷиби афзалияти арзиши илмии таҳқиқ хоҳад буд:

1. Фасли дувуми боби аввали диссертатсия ҳарчанд “**Тасвири симои зан-модар дар адабиёти асримиёнагии форсӣ-тоҷикӣ”** унвон гирифтааст, аммо аз рӯи мутолеаи он равшан мешавад, ки диссертант асосан мабоҳиси хешро дар заминаи ҷойгоҳи зан дар фарҳанги исломӣ ҷараён бахшидааст. Дар густураи ин қисмати рисола ҳамагӣ як байт аз Низомии Ганҷавӣ зикр шуда, ки он ҳам дар иртибот ба як ҳадиси маъруфи Паёмбари ислом(с) ба қайд омада. Вақте дар унвони фасл адабиёти асримиёнагии форсӣ-тоҷикӣ мазкур аст, беҳтар мебуд, ки роҷеъ ба бозтоби ин мавзуъ дар адабиёти бадеии ин давра низ баъзе мулоҳизаҳо баён шаванд.
2. Фасли савуми боби аввали диссертатсия «**Занситезӣ дар ҷомеаи асримиёнагӣ ва бозтоби он  дар адабиёти ин давра»** унвон гирифтааст. Ҳарчанд  диссертант дар оғози бахши мазкур аз чанд таҳқиқи муҳим дар ин замина дар адабиётшиносии ватаниву хориҷӣ ёдовар шудааст, вале ба назар мерасад, ки китоби Марями Ҳусайнӣ “Решаҳои занситезӣ дар адабиёти форсӣ” аз madди назари муаллиф берун мондааст, ки аз ҷумлаи пажуҳишҳои муҳим дар ин мавзуъ ба шумор меравад. Ҳамзамон, қобили таъкид аст, ки чун масъалаи занситезӣ дар адабиёти асримиёнагӣ дар ин фасл муфассал баррасӣ шудааст, ба назари мо беҳтар мебуд, ки он бо фасли дувум мутаҳҳид гардида, ҳар ду ҷанбаи масъала якҷоя ба риштаи таҳқиқ кашида шавад.
3. Дар диссертатсия исми чанд китоб ба ғалат  зикр шудааст. Аз ҷумла китоби “Дарёи сӯзон”-и Фарзона дар феҳристи адабиёти истифодашуда ба шакли “Ашки сӯзон” омадаст. Китоби муҳаққиқи эронӣ

Бунафша Ҳиҷозӣ “Зан бар занни таърих” бошад, ба шакли “Зан бар танзи таърих” омадаст, ки ислоҳи онҳо мувофиқи мақсад аст.

4. Боби аввали диссертатсия “Сайри таърихии тасвири симои зан - модар дар адабиёти форсӣ -тоҷикӣ” унвон дошта, масоили меҳварии таҳқиқ дар 57 сафҳа ҷой гирифтаанд. Боби савуми диссертатсия бошад ҳамагӣ аз 15 сафҳа таркиб ёфта, ба фаслҳои ҷудогона қисмат нашудааст. Ба назари мо, агар аз ҳисоби баёни мушаххаси матолиби боби аввали диссертатсия ба сурати дар эроди дувум ишоратшуда ба мабоҳиси боби савум тафсилот бахшида, баррасиҳо ҳадди ақал дар ду фасл анҷом меёфтанд, арзишу аҳамияти таҳқиқот боз ҳам меафзуд.

5. Баъзе аз ашъор бидуни зикри саҳифаи сарчашмаи мавриди истифода оварда шудаанд. Аз ҷумла, диссертаттсия саҳ. 155, 158, 159, 160, 161 ва ғ.

6. Дар саҳфаи 135 диссертатсия таъкид шудааст, ки “ “Барраси се чилди девони Фарзона ва маҷмуаҳои дигари ӯ нишон доданд, ки анқариб чиҳил шеър ба тавсифу тамҷиди  модар ихтисос доранд, баъзе аз ин шеърҳо саропо  ба модар бахшида шудаанд ва  дар қисмати дигар муроҷиат ба модар аст. Гарчанде шоир ашъори дар васфи модар сурадаашро ҷудогона ба нашр нарасонида, аммо мураттибони маҷмуаи «Найшакар» як қисмати онро «Модарнома» унвон дода, сию се шеъри ба модар бахшидаи ӯро ҷой додаанд”. Нахуст бояд изҳор дошт, ки девони Фарзона ду маротиба, аввал дар як ҷилд ва баъдан дар ду ҷилд дар соли 2014 ба чоп расидааст. Маҷмуаи сеҷилдӣ китоби “Қатрае аз Мулиён” аст, ки фарогири анвои мухталифи сурудаҳои шоир мебошад ва албатта девон нест. Баъдан, муаллифи агарчӣ таъкид дорад, ки “шоир ашъори дар васфи модар сурадаашро ҷудогона ба нашр нарасонида”, аммо шояд огаҳ набуда, ки китоби “Модарнома”-и Фарзона соли 2021 дар нашриёти “Хуросон”-и шаҳри Хуҷанд ба чоп расидааст. Истифода  аз ин манбаи муҳим барои такмили арзиши илмии диссертатсия муассир хоҳад буд. Баробари ин, иқтибоси мазкур аз ғалатҳои имлоӣ низ орӣ намебошад, ки тасҳеҳи он ба нафъи кор аст.

7. Дар диссертатсия ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо мувофиқи мақсад мебошад. (Масалан, саҳ. 3, 4, 73. 96, 135, 136 ва ғ)

Албатта, қайду эродҳои мавриди назари мо ҳаргиз ба аҳаммияти илмии диссертатсия таъсир намегузоранд ва ағлаби онҳо ба ҳукми пешниҳод баён шудаанд.

Ба таври куллӣ метавон изҳор дошт, ки диссертатсияи Раҳимӣ Мижгоона Раҳим ба яке аз масоили муҳими адабиётшиносии тоҷик бахшида шуда, маҷмуи вазифаҳои дар меҳвари таҳқиқот ба миён гузошташуда дар ҷараёни таълифи он ҳаллу фасли худро ёфтаанд. Мазмун ва мундариҷаи диссертатсия бо автореферати он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ таҳия гардидааст, пурра мувофиқат намуда, ҳамроҳ бо мақолаи муаллиф муҳтавои онро комилан ифода мекунанд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи **Раҳимӣ Миҷгона Раҳим “Таҳаввули тасвири симои зан-модар дар шеъри замони истиқлол (дар заминаи ашъори Раҳмат Назрӣ, Фарзонаи Хуҷандӣ ва Озар Салим)”** ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик: равобити адабӣ мебошад.

**Муқарриз**
**доктори илмҳои филологӣ, профессор,**
**директори институти илмӣ-тадқиқотии**
**илмҳои ҷомеашиносии МДТ**
**“Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Б. Ғафуров”** **Нуров Нуралӣ Норович**

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Вилояти Суғд, Хуррамшаҳр 38.
Тел: (+992)928763797
емайл: nurali74@mail.ru

Имзои Нуров Нуралӣ Норовичро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б. Ғафуров” Сайдуллозода З.
**«2» январи соли 2025**

РАЁСАТИ КАДРҲО
ВА
КОРҲОИ МАХСУС